ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Муҳиммияти мавзуъ. Маълум аст, ки асоси чорабинии пешгирикунӣ ва зиддисилиро ташхиси ин беморӣ ташкил менамояд. Аммо солҳои охир ташхиси барҳаётии бемории сил дар чорвои калони шохдор ба ду масоили муҳими ба ҳам муқобил: пайдо шудани аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ дар чорвои солим, яъне зуҳуроти параллергия ва ҳангоми гузаронидани ташхиси бодигармии туберкулинӣ тамоман ба воридсозии туберкулин мутаассир нагаштани чорвои бемор, яъне зуҳуроти анергия, рӯ ба рӯ шудааст.

Ибтидо аз аввали солҳои 60-уми асри гузашта то замони ҳозира дар хориҷа ва дар кишвари мо ҳангоми ташхиси бодигармии бемории сили ЧКШ чорвои ба туберкулин мутаассиргашта ҷудо карда мешаванд, ки ҳангоми кушодан ва тадқиқоти озмоишгоҳӣ мавҷудияти бемории сил дар онҳо тасдиқи худро намеёбад. Ин намуд аксуламалҳоро минбаъд аксуламалҳои «қалбакӣ» ё «ғайрихос» номиданд. Чунин аксуламалҳо дар подаҳои алоҳидаи ҳайвонот аз 1 то 10,0% ва дар баъзе подаҳои минтақаи алоҳида то 50% ва аз он ҳам зиёдтарро ташкил медиҳанд.

Моҳияти арзишноку бузурги сифатҳои мусбии ташхиси бодигармии бемории силро паст накарда, муҳаққиқони зиёд ба норасоиҳои зиёди ин усул ишора намуданд ва мукаммалгардонии минбаъдаи онро зарур мешуморанд. Яке аз камбудиҳои асосии ташхиси аллергетикии бемории сил дар ҳайвоноти солим пайдо шудани аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ мебошад, ки сабабҳои гуногун доранд. Забҳи беасоси чунин ҳайвоноти ба туберкулин мутаассиргашта одатан ба нестшавӣ (қатъёбӣ)-и минбаъдаи ҷудошавии ҳайвоноти мутаассиргашта аз саршумори боқимонда намеорад. Ин зуҳурот, ки ба таври васеъ паҳн шудааст, барои ташхиси бемории сил дар тамоми дунё масъалаи муҳим ва баҳсталаб ба ҳисоб меравад.

Диссертант мавзуи ниҳоят барои чорводорӣ муҳимро интихоб намуда, барои амалӣ намудан дар назди худ ҳадаф ва вазифаҳои мушаххасро гузошта, аз уҳдаи иҷрои онҳо бо сарбаландӣ баромадааст.

Сохтори рисоларо муқаддима, шарҳи адабиёт, шарҳи мавод ва усули таҳқиқоти шахсӣ, муҳокимаи натиҷаҳо, хулосаҳо, пешниҳодҳои амалӣ, феҳристи адабиёт ва замима ташкил медиҳад.

Инчунин, дар замима ҳуҷҷатҳое нишон дода шудаанд, ки аҳаммияти илмӣ ва амалии рисоларо тасдиқ мекунанд.

Хулоса, диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) ҷавобгӯй мебошад ва боиси дастгирист.

Муаллифи рисола Исвалиев Сино Мирзоназарович бошад, барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) арзанда мебошад.

Ходими калони илмии Институти
зоология ва паразитологияи Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон,
номзади илмҳои биологӣ Ф.М. Искандаров

Имзои Искандаров Ф.М.- ро тасдиқ мекунам
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти Зоология ва Паразитологияи
ба номи Е.Н. Павловскийи АМИТ Н.М. Якубова

ДУРУСТ:
СЕКТОРИ ШУЪБАИ КАДРҲОИ ИЗ ва П АМИТ
"23" 06 с. 2026
ИМЗО

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
маҳаллаи Ҳалқаҷар
tel.: (992) 93 579 4747;
E-mail.: firuz.i@mail.ru

23.06. с. 2026